Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

2 ноябри соли 2002. Шанбе № 85 (12827)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.30 имзо гардид.

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

30 октябр Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар қароргоҳи Оқсарой раиси амалкунандаи Ташкилоти амнияту ҳамкории Аврупо (ТАҲА), вазири корҳои хориҷӣ ва оид ба корҳои ҷамъияти португалии хориҷии Ҷумҳурияти Португалия Антонио Мартинш да Крушро пазируфт.

— Дар солҳои охир, хусусан баъд аз он ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди терроризми байналхалқӣ муборизаи умумиро сар кард, ҳамкории байни Ӯзбекистон ва ТАҲА боз ҳам фаъолтар шуд, — гуфт сарвари давлатамон. — Зеро баъд аз воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 дар сайёра вазъият тамоман тағйир ёфт. Ҷомеаи байналхалқӣ зарурати муттаҳид намудани қувваҳоро бар зидди терроризм дарк кард.

Аз солҳои аввали истиқлолият Ӯзбекистон бо ТАҲА ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ самарабахш ҳамкорӣ мекунад. 26 феврали соли 1992 мамлакатамон аъзои ташкилоти мазкур шуд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ин барои таҳкими минбаъдаи истиқлолиятамон, ҳамгароии Ӯзбекистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ воситаи муҳим шуда хизмат мекунад.

Дар соли 1994 дар назди ТАҲА намояндагии мамлакатамон ба кор сар кард. Дар тадбирҳо дар доираи ТАҲА фаъолона иштирок кардани Ӯзбекистон дар миқёси байналхалқӣ ҷонибдорӣ карда шудани саъю кӯшишамонро оид ба таҳкими амнияти миллӣ ва байналхалқӣ таъмин мекунад.

Дар соли 1995 дар пойтахтамон бюрои ТАҲА оид ба равобит бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ кушода шуд. Аз ҳамон давра ба мамлакатамон мунтазам ҳайати вакилони ТАҲА ташриф меоранд. Ин ташрифҳо аз баланд шудани эътибори ташкилотҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан Ӯзбекистон далолат медиҳад.

Дар мулоқот дар қароргоҳи Оқсарой аз рӯи масъалаҳои таъмини амният дар ҷаҳон ва минтақаамон, васеъ гардондани ҳамкорӣ, мубориза бар зидди терроризми байналхалқӣ, нашъаҷаллобӣ, инчунин ҷанбаъҳое, ки ҷонибҳо мароқ зоҳир мекунанд, мубодилаи афкор ба амал омад.

Ба Ӯзбекистон аз мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо бисёр ҳайати вакилони бонуфуз омаданд. Вале то ҳол ягон вазири молия ташриф наоварда буд. Вазири молияи Шоҳигарии Белгия Диде Рейндерс дар мамлакатамон меҳмон аст. Дар он даврахое, ки ӯ раиси Шӯрои Вазирони молияи Иттиҳоди Аврупо буд, ба муомилот еврои накд бароварда шуда буд. Ба ҳамин муносибат дар доираҳои молиявӣ ва расмии Аврупо Д.Рейндерс обрӯву эътибори алоҳида дорад.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 31 октябр дар қароргоҳи Оқсарой меҳмонро пазируфт.

—Ташрифи шумо аз он далолат медиҳад, ки дар Белгия хоҳиши инкишоф додани ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон бузург аст,—гуфт роҳбари мамлакатамон ҳангоми мулоқот.—Барои Ӯзбекистон рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳо бо Белгия—аъзои Иттиҳоди Аврупо, яке аз вазифаҳои устувор ба ҳисоб меравад.

Вазири молияи Белгия хабар дод, ки ба мақсади ҷонибдории молиявии Ӯзбекистон мамлакати вай дар ба амал баровардани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, вомҳои имтиёзнок ва грантҳо ҷудо карданист, муассисаҳои ҳифзи сиҳҳатро бо таҷҳизоти замонавӣ ҷиҳозониданист, дар дигар муаммоҳои иҷтимоӣ иштирок карданист.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки то ҳол байни ду давлат як қатор ҳуҷҷатҳои ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсат, иқтисод ва дигар соҳаҳо нигарондашуда ба имзо расиданд. Аз рӯи маълумотҳо ҳоло боз се ҳуҷҷат тайёр карда мешавад. Дар доираи ташрифи вазири молияи Белгия ба имзо гузоштани созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи гумрук пешбинӣ шудааст.

Ҳамкории тарафайни Ӯзбекистону Белгия дар соҳаҳои илм, таълим, фарҳанг, корҳои бонкӣ ва дигар соҳаҳо мунтазам инкишоф меёбад. Президент Ислом Каримов қайд намуд, ки созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкории байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки соли 1996 дар Флоренсия (Италия) ба имзо расидааст, хусусан дар Белгия фаъолона ба амал бароварда мешавад.

Равобити иқтисодиро бигирем, ҳаҷми гардиши мол дар соли гузашта 79,9, дар нимаи якуми соли ҷорӣ бошад, 31,8 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар мамлакатамон зиёда аз даҳ корхонаҳои муштараки Ӯзбекистону Белгия фаъолият доранд. Инчунин равобити байни пойтахтамон ва шаҳри Кортрейк, ки Тошканд дар соли 1989 бародаршаҳр шудааст, бошиддат ривоҷ меёбад. Дар соли 2000 дар шаҳри мазкури Белгия ёдгории Абӯалӣ Ибни Сино гузошта шуд.

Дар рафти мулоқотҳо дар қароргоҳи Оқсарой вазъи имрӯзаи муносибатҳои Ӯзбекистону Белгия баррасӣ шуданд, оид ба масъалаҳои минбаъда васеъ гардондан ва рушди ҳамкорӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

**(ӮзА).**



## Иди пуршарафи Кеши қадима

**«Замини Шаҳрисабзи қадима муқаддас аст. Дар ин диёр бисёр арбобони номдори фарҳанги ҷаҳонӣ ба камол расидаанд».**

**Ислом КАРИМОВ.**

Дар ин рӯзҳои тирамоҳ Шаҳрисабз ҳусни тозае ба бар кардааст. Дар арафаи иди бузург табиат ба вай либоси ҷаззоби арғувонӣ пӯшондааст.

Ин шаҳри қадимаву хушсохтро дӯст медорам: вай дар ҳақиқат аз дурдонаҳои зеботарини Шарқ аст. Дар ҳама даврy замонҳо вай дар Роҳи бузурги абрешим саҳмгир буд, дар барқарорсозии тамаддуни ҷаҳонӣ мавқеи беназир дошт.

Боиси хушнудист, ки инро ташкилоти хайрхоҳи бонуфузи ҷаҳон—ЮНЕСКО эътироф кард. Бо қарори вай Шаҳрисабз ба рӯйхати мероси ҷаҳонӣ дароварда шуд, дирӯз якуми ноябр дар ин ҷо 2700-солагии ҷашни шаҳр васеъ қайд карда шуд. Бешак, баробари ба ин мақоми фахрӣ соҳиб шудан теъдоди сайёҳон боз ҳам афзун мегардад. Ба хазинаамон бештар асъор меафтад. Вале аз ин ҳам муҳимтараш дигар аст — меҳмонон дар бораи дигаргунсозиҳои мусбии дар ёздаҳ соли охир дар мамлакатамон ба амал омада хабардор мешаванд.

Дар ҳақиқат, дар Шаҳрисабз—яке аз гаҳвораҳои тамаддуни бани одам — чизи тааҷҷубангез ҳаст. Имрӯз дар ин шаҳри аҷиби сабз, ки ба номаш мувофиқат мекунад, рӯҳи меҳмоннавозӣ, эҳтиром ба торихи пуршараф ҳукмфармост. Зеро одилона ва оқилона гуфтаанд: халқе ки гузаштаашро эҳтиром намекунад, оянда надорад.

...Дар манзари баргҳои заррин намуди Оқсарой касро мафтун месозад. Ин қасри мӯҳташам — аз таъмироти дӯстдоштаи Амир Темур буд. Як вақтҳо дар пештоқи вай суханони пайғамбарона сабт шуда буд: «Агар ба иқтидору қудрати мо имон овардан бихоҳӣ, ба биноҳои мӯҳташам назар афкан!»

Саҳифаҳои пуршарафи торихи Шаҳрисабз бо номи Амир Темури бузург марбут аст. Ӯ ин шаҳрро фарзандвор бо назокати хосе дӯст медошт, бо он фахр мекард. Соҳибқирон дар ҳамин атроф, дар деҳаи Ҳоҷи-Илғар ба дунё омадааст. Бачагии Темур дар ин ҷо гузаштааст, ӯ дар ин ҷо бисёр илмҳову санъати ҳарбиро азбар кард, маҳз дар ҳамин ҷо характери ҳукмдори озодидӯст, лашкаркаши бемисл ташаккул ёфт, ки шиори вай: «Қудрат дар адл!» гардид. Кори бузургашро маҳз аз ҳамин ҷо оғоз намудааст. Хонигариҳои хурд-хурдро ба як давлати тавоно муттаҳид сохт.

Аз юришҳо ба Кеш, ки он вақт шаҳр чунин ном дошт,—ҳунармандону муҳандисони беҳтарин, мутафаккирону олимон, шоирону устоёни халқиро меовард. Ин киштаҳо самараи хуб дод: мақбараю масҷид, мадрасаву растаҳои савдои бо амри ӯ сохташуда назарҳоро мерабоянд.

Ҳамчун ибрат ба наслҳои оянда ӯ ёдгориҳои азими таърихию бадеӣ, чун шоҳасари муҳандисӣ ба мерос гузошт. Инак, дар ҳамон қасри Оқсарой фавворахо ҷило медиҳанд,—аз қуллаҳои кӯҳи Ҳисор оби мусаффо ҷорӣ мешавад, яъне ҳанӯз дар ҳамон даврҳо қубури обрасонӣ сохта будаанд.

Темур талафоти зиёд дид. Дар бистсолагиаш фарзанди нахустини дӯстдоштааш—Ҷаҳонгир ба таври фоҷиавӣ ҳалок мешавад. Ин талафот чунин таскиннопазир буд, ки баъд аз фавти ӯ Темур ягон маротиба, ҳатто дар лаҳзаҳои музаффариятҳои барҷаста ҳам табассум накард...

Ҷаҳонгирро дар Кеш дафн карда буданд. Дере нагузашта устоёни хоразмӣ дар болои қабри ӯ мақбараи боҳашамати «Дорусаодат»-ро месозанд. Ривоят мекунанд, ки дар шафати ин қабр Темур дарахтони чинор шинондааст ва имрӯз онҳо бо салобату ҳашаматашон одамонро моту маҳбут месозанд.

Дар ин бора Президент Ислом Каримов самимона қайд намуд: ҳар боре ки дар назди мақбараи Ҷаҳонгир Мирзо, дар шафати масҷиди Ҳазрат Имом қарор мегирад, ба чинорҳои азим назар меафканад, фикре ба сар меояд, ки ин зумра дарахтони чандасрина танҳо дар замини муқаддас мерӯянд. Агар ин замин муқаддас намебуд, ин чинорҳои намидӯст кайҳо хушк мешуданд. Онҳоро қувваҳои илоҳӣ нигоҳ медоранд, то ки аз он насли оянда баҳра бардоранд.

...Ва чун асрҳои пешина, дар даврони мо, баробари истиқлолиятро ба даст овардани ҷумҳурӣ шаҳр умри дуюм гирифт. Дар майдони марказии вай портрети боҳашамати барҷастаи Темур—эҳтироми арзанда ба гузаштаи бузургамон ба тезӣ қомат афрохт.

Дар арафаи ид бисёр ёдгориҳо таъмир шуданд. Бисёр биноҳои нав арзи вуҷуд намуданд, кӯчаҳо тағйир ёфтанд. Хурду калон ба ҳашари умумихалқӣ баромада, ҷӯйҳоро тоза карданд, корҳои зиёди кабудизоркуниро ба амал баровbooарданд.

Ҷашни пуршарафи Кеши қадима иди бошукӯҳе хоҳад шуд.

**Рустам ШАГАЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Оила — тахти ҳимояи ҷамъият ва давлат

Маҷлиси Комиссия оид ба муаммоҳои оила ва бонувони Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба амал омад.

Дар ин маҷлис, ки раиси комиссияи мазкур Ш. Салимова бурд, рафти иҷрои ҳуҷҷатҳои меъёрии ба ақди никоҳ алоқаманд, Кодекси оилаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон (банди дуюм) баррасӣ шуданд.

Чи хеле ки дар маҷлис қайд шуд, аз солҳои аввали истиқлолият эътибор ба таҳкими оила дар мамлакатамон ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шуд.

Таъкид шуд, ки дар вилояти Сирдарё оид ба таъмини риояи меъёрҳои ақди никоҳ мувофиқи Кодекси оила корҳои муайян ба амал бароварда мешавад.Аз ҷумла, мақомоти ба қайдгирии ҳуҷҷатҳои ҳолати шаҳрвандӣ дар вилоят мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ фаъолият доранд.

Ҳокимияти вилоят оид ба таъмини иҷрои қарори Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди таҳкими сиҳҳатии бонувону насли наврас», ки 25 январи соли ҷорӣ қабул шудааст, тадбирҳои муайян таҳия намуд. Дар асоси ин дар назди ҳокимияти вилоят оид ба масъалаҳои тарбияи авлоди солим, баланд бардоштани дараҷаи маданияти тиббии занону оила комиссияи доимоамалкунанда кор мекунад.

Баробари ин ба зарурати ислоҳ кардани камбудиву хатоҳои дар ба ҳаёт татбиқ кардани қонуни мазкур роҳ додашуда, эътибори ҷиддӣ доданд. Дар маҷлис ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, раиси кумитаи занон Д. Ғуломова иштирок кард.

**(Ӯза).**

## Вохӯриҳои дӯстона дар соҳили Дунай

Торихи ҳозираи Венгрия аз садаи X оғоз меёбад. Аҷдодони венгерҳо дар ҳамон даврҳо дар заминҳои серҳосили доманаи кӯҳҳои Карпат, ҳудуди дарёҳои сероб, олами ҳайвоноту набототи ранг ба рангу бой маскан гирифтаанд. Аз торих маълум аст, ки онҳо ба Аврупо аз ҳудуди заминҳои ба мо наздик рафтаанд, халқҳоямон ба андозае якдигарро хешу табор мепиндоранд.

Дар рафти вохӯрии аввалини президентҳо Ференс Мадл комёбиҳои Ӯзбекистонро эътироф намуда, дар бораи умумияти торихии халқҳоямон истода гузашт. Дар рафти мулоқотҳои минбаъда Ислом Каримов гуфт, ки калимаи «чӯпон» дар ҳар ду забон як хел садо медиҳад ва «луғати калимаҳои умумӣ» зиёд аст. Инчунин мо, журналистон, дар рафти равшан намудани ташриф ҳангоми мулоқот бо одамоне, ки дар Тошканд дида ба дунё кушода ба воя расидаанду бо тақозои тақдир ба Венгрия омадаанд, исботи инро ба осонӣ ёфтем. Мисоли оддӣ: дар Венгрия ҳам калимаи «она» (модар) будааст. Ин калима маънои муқаддаси мо мефаҳмидагиро ифода мекунад.

Агар ба моҳияти вай назар афканем, риштаҳои хешутаборӣ чӣ хел наздик набошанд, мамлакатҳо дар амал ҳамкорӣ накунанд, муносибатҳои савдою иқтисодӣ, ки асоси муносибатҳои байни давлатҳо мебошанд, ривоҷ наёбанд, ин хел наздикиҳо дар оянда мавҳум шуда мемонанд.

Дар рафти мулоқоти Ислом Каримов бо роҳбарони Венгрия Ференс Мадл, Раиси парлумон Каталин Сили, нахуствазир Петер Меддеши ва дигар шахсони расмӣ, тадбиргарон қайд шуд, ки ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсат мувофиқи талаботи давр ривоҷ меёбад. Вале ҳаҷми равобити савдою иқтисодӣ ҳар ду тарафро ҳам қонеъ намегардонад. Ӯзбекистон ва Венгрия дар доираи СММ, ТАҲА барин ташкилотҳои байналхалқӣ ва дигар сохторҳои минтақавиву байналхалқӣ дар ҳамфикрӣ кор мебаранд. Инчунин мамлакатҳоямон дар доираи барномаи НАТО «Шарикӣ баҳри осоиш» ва Шӯрои шарикии Евроатлантика якҷоя амал мекунанд. Ӯзбекистон саъю кӯшиши Венгрияро оид ба дохил шудан ба Иттиҳоди Аврупо ҷонибдорӣ мекунад ва аз самарабахшии вай қаноатбахш буданашро пинҳон намекунад. Умуман Ӯзбекистон дигаргунсозиҳои сиёсӣ ва иқтисодии дар Венгрия ба амал омадаистодаро бо диққат мушоҳида мекунад ва комёбиҳои ин мамлакатро маъқул медонад.

Венгрия ҳам Ӯзбекистонро дар соҳаи сиёсӣ ҳаматарафа ҷонибдорӣ мекунад. Ба қарори торихии роҳбари Ӯзбекистон Ислом Каримов оид ба ҷонибдории коалитсияи байналхалқии зиддитеррористӣ баъд аз воқеаҳои фоҷиаовари 11 сентябри соли 2001 дар қатори бисёр мамлакатҳо Венгрия ҳам муносиб баҳо додааст. Президент Ференс Мадл алоҳида қайд намуд, ки саҳми Ӯзбекистонро дар коалитсияи мазкур баланд қадр мекунад. Умуман Венгрия ба ислоҳотҳо дар Ӯзбекистон, ташаббусҳо ва саъю кӯшишҳо дар роҳи таҳкими устувории минтақавӣ ва ҷаҳонӣ баҳои баланд медиҳад.

Муносибатҳои иқтисодӣ — соҳаи мураккаб аст, ки эътибори зарурирo тақозо мекунад. Кушоду равшан эътироф бояд намуд, ки ҳаҷми равобити савдою иқтисодии байни мамлакатҳоямон вақтҳои охир хеле паст шудааст. Аз рӯи маълумотҳои ҷониби Венгрия соли гузашта ин нишондиҳанда ҳамагӣ 14-15 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Аз рӯи фикри Президент Ислом Каримов инро қисман бо давраи гузариш, дигаргунсозиҳои шиддатноки саноат ва хоҷагии халқ эъзоҳ додан мумкин. Баробари ин соҳаҳое, ки ҳамкории самарабахшро интизоранд, набудани ҳамкориро бо омилҳои дар боло зикршуда «сафед» намекунанд, кам нестанд. Омили асосие, ки ба суст шудани рушди муносибатҳои савдою иқтисодӣ таъсир мерасонад, камии ахборот мебошад. Дар рафти мулоқот роҳбари давлатамон ба масъалаҳои рушди ҳамкорӣ пурра равшанӣ андохт.

Инак, маҳз дар кадом соҳаҳо ба ҳамкории байни Ӯзбекистон ва Венгрия манфиатдорӣ ба назар мерасад? Пеш аз ҳама дар соҳаи саноати бофандагӣ ва сабук. Яке аз сабабҳое, ки ба кам шудани муомилоти тарафайни мол таъсир расонд, ин вуҷуд доштани миёнаравон мебошад. Ҳол он ки ба роҳ мондани савдои мустақим муфидтар хоҳад буд. Роҳи ҳалли оддиву озмудашудаи ин муаммо созмон додани корхонаҳои муштарак аст.

Ӯзбекистон ҳам бо Венгрия дар соҳаҳои саноати хӯрокворӣ, дорусозӣ азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ, паррандапарварӣ самарабахш ҳамкорӣ карда метавонад. Коммуникатсияи нақлиёт ва сайёҳӣ ҳам шавқу завқи ҳар ду тарафро бедор карданаш мумкин.

**(Давомаш дар саҳ.2)**

## Дар Вазорати корҳои хориҷӣ

Намояндагони ҳайати вакилон таҳти сарварии раиси амалкунандаи ТАҲА, вазири корҳои хориҷӣ ва оид ба корҳои ҷомеаи португалии хориҷии Ҷумҳурияти Португалия Антонио Мартинш да Круш 30 октябр бо роҳбари идораи сиёсати берунии мамлакатамон Абдулазиз Комилов вохӯрданд.

Дар мулоқот ҷонибҳо аз рӯи масъалаҳои ба амнияти минтақавӣ, рафти ислоҳоти дар мамлакат ба амал барордашудаистода, корҳо оид ба таҳкими тамоюлҳои демократӣ алоқаманд, мубодилаи афкор намуданд.

**(ӮзА).**

## Дар роҳи рушди ҳамкорӣ

Аъзоёни ҳайати вакилон таҳти сарварии вазири молияи Шоҳигарии Белгия Диде Рейндерс, ки дар мамлакатамон меҳмон мебошанд, 31 октябр бо ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, вазири меҳиқтисодиёт ва омор Рустам Азимов вохӯрданд.

Ҳангоми мулоқот, ки дар он роҳбарони вазоратҳои молия, тандурустӣ, маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси мамлакатамон иштирок карданд, алоҳида қайд шуд, ки ҳамкории Ӯзбекистону Белгия бисёр соҳаҳоро фаро мегирад ва аз рушди минбаъдаи ин алоқаҳо ҳар ду тараф ҳам манфиатдоранд. Аз рӯи масъалаҳое, ки ба онҳо бояд дар оянда эътибори зарурӣ дода шавад, мубодилаи афкор ба амал омад. Аз ҷумла, ҳамкориро дар соҳаи иқтисодиёт, низоми андоз, гумрук, таълим, тандурустӣ васеъ гардондан мумкин.

**(ӮзА).**

**Дар Олий Маҷлис**

## Дар бораи иҷрои қонун

Маҷлиси кумитаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои илм, таълим, фарҳанг ва варзиш, ки раиси кумита Н.Ҷӯраев бурд, ба амал омад. Дар вай масъалаҳои дар шаҳри Самарқанд иҷро шудани Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» баррасӣ шуд.

Дар мамлакатамон таҳти сарварии Президент Ислом Каримов оид ба аз ҷиҳати ҷисмонӣ бақувват аз ҷиҳати маънавию ахлоқи солим тарбия кардани насли наврас корҳои калонмиқёс ба амал бароварда мешавад. Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», ки соли 1992 қабул шудааст, ба ин мақсад хизмат мекунад. Қонуни мазкур такмил дода шуда, дар соли 2000 дар таҳрири нав қабул шуд.

Чи хеле ки қайд шуд, дар Самарқанд оид ба таъмини иҷрои қонуни мазкур корҳои муайян ба амал бароварда мешавад. Аз ҷумла, дар шаҳр қариб 250 ҷамоаи тарбияи ҷисмонӣ созмон дода шудааст. Аксарияти онҳо дар марказҳои таълими ҳамагонӣ, литсейҳо ва коллеҷҳо, инчунин ҷамоаҳои меҳнатӣ фаъолият доранд.

Шумораи сексияву гурӯҳҳои варзишӣ, инчунин одамоне, ки дар онҳо шуғл меварзанд, беист меафзояд. Ба ихтиёри онҳо бисёр варзишгоҳҳои замонавӣ, залҳои варзишӣ, майдонҳои варзишию футбол, кортҳои теннис дода шудааст. Дар муассисаҳои таълими ҳамагонӣ оид ба рушди оммавии варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ қариб 600 муаллимону мураббиён кор мебаранд.

Дар зиёда аз даҳ мактабҳои варзишӣ зиёда аз 7 ҳазор наврасон бо гӯштин, гимнастика, атлетикаи сабук, оббозӣ, хоккейи рӯи алаф, футбол, атлетикаи вазнин барин варзишҳо шуғл меварзанд. Дар гурӯҳҳо оид ба каратэ зиёда аз якуним миллион бачаҳо сабақ мегиранд.

Баробари ин дар маҷлис ба зарурати ислоҳ кардани камбудиҳое, ки дар таъмини иҷрои қонун вуҷуд доранд, эътибор дода шуд.

**(ӮзА).**

## Дору ҳам сиёсат мехоҳад

Дар тӯли ду ҳафта— аввал дар Тошканд ва баъд дар Самарқанд семинар зери унвони «Масъалаҳои сиёсати дору барои кишварҳои давраи гузариш» барпо мегардад, ки 8 ноябр ба поён мерасад.

Чунин семинар аз ҷониби Маркази омӯзиши сохти тандурустии кишварҳои хориҷии Донишгоҳи Бостон (ИМА) якҷоя бо Вазорати тандурустии Ӯзбекистон, Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ва лоиҳаи «Здрав-плюс»-и ЮСАИД ба амал омад.

Аз мамлакатҳои ИМА,Дания, Швейтсария ва ғайра барои маърӯзахонӣ мутахассисон ба Ӯзбекистон омадаанд. Бояд гуфт, ки дар семинар аз бист кишвар мутасаддиёни соҳаи сиҳҳати омма ҳозир шудаанд.

Дар кушоиши семинар сафири ИМА дар Ӯзбекистон Ҷон Ҳёрбет гуфт, ки чунин семинар панҷ сол аст, ки дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, ки давраи гузаришро аз сар мегузаронанд, барпо шуда меояд.

Сафир инчунин гуфт, ки дар даврaи Иттиҳоди Шӯравӣ дору ва дорусозӣ аз ҷониби давлат бо низом тавзеҳ ва танзим мегардид, ки ҳоло ин корҳо дар ӯҳдаи чандин ташкилоту муассисаҳо мебошад, ки аз ин рӯ ба тартиб андохтани онҳо зарур аст.

**Хабарнигори мо.**

## Роҳи бузурги абрешим — роҳи пок бошад!

**Ҳангоми сафари Дабири кулли Созмони ҷаҳонии гумрук Мишел Дане соли 2000 ба Ӯзбекстон дар бобати дар Тошканд барпо намудани конфронси байналмиллалии роҳбарони хизмати гумруки давлатҳо аз рӯи мавзӯи «Мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии моддаҳои нашъаовари давлатҳои Роҳи бузурги абрешим» қарор шуда буд ва 29—31 октябр инчунин анҷуман дар меҳмонсарои «Интерконтинентал» баргузор шуд.**



Табиист,ки торафт ташаккул ёфтани гардиши ғайриқонунии моддаҳои нашъаовар ва густариш ёфтани он ҷамъияти ҷаҳонӣ ва созмону идораҳое, ки аз рӯи вазифа ва тақозои кори худ зидди ин падидаи фарогир бояд мубориза баранд, ором гузошта наметавонанд.

Мақсади дар Тошканд ҷамъ шудани роҳбарони яке аз чунин шохаҳои мубориза ва ошкору мамониат намудани гардиши ғайриқонунии моддаҳои мухаддир маҳз бо маслиҳату бомашварат ҷилавгирӣ намудани роҳҳои ҳаракат ва транзити қочоқи ин гуна моддаҳо мебошад.

Зери шафоати Созмони ҷаҳонии гумрук дар Ӯзбекистон намояндагони кишварҳое гирд омаданд, ки Роҳи бузурги абрешим аз қаламрави ин мамлакатҳо убур менамудааст. Пас имрӯз бино бар он ки Афғонистон ва баъзе аз мамлакатҳои ҷануби шарқии Осиё чун макони истеҳсол ва паҳнкунандаву рӯёнандаи моддаҳои нашъаовар гардидааст, Роҳи бузурги абрешим,ки чун роҳи мулоқоти тамаддунҳо ва зодаҳои тиҷорат шинохта шудааст, боиси нигаронии ин кишварҳо низ гаштааст.

Ҳадафи асосии конфронс таҳияи барномаи корҳо ва тадбирҳои якҷоя дар муборизаи зидди гардиши ғайриқонунии моддаҳои нашъаовар дар фазои қаламрави Роҳи бузурги абрешим ва муҳокимаву қабули ҳуҷҷати декларативӣ буд.

Меҳмонон дар поёни маҷлиси худ аз шаҳри бостонии Самарқанд низ боздид намуданд.

**Т.ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Ба пешвози даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

# Маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардум

Мамлакати мо ислоҳотро дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт собитқадамона амалӣ гардонда, аз паи сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд, ҷамъияти шаҳрвандист. Ва барои тезтар ба рӯи об баровардани ин мақсади неку бузург тадбирҳои доманадорро меандешад, барои тарбия намудани одамон, алалхусус ҷавонон дар рӯҳи итоаткорӣ ба қонун корҳои зиёдеро ба иҷро расонд ва амалӣ гардондани тадбирҳои зиёдеро низ дар айни замон ба нақша гирифтааст.

Мо бо назардошти таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ, урфу одат, анъанот ва тинати миллӣ (менталитети) халқамон барои дар ҳаёт татбиқ кардани равандҳои демократӣ, озод гардондани ҷамъият пайваста мекӯшем ва ҳар якеамон алҳол ҳис намудаем, ки дар бобати ба даст овардани комёбиҳо дар ҳамаи соҳаҳо нақши Қонуни Асосиамон ҳам калон аст, ки имсол 8 декабр ба қабул шудани он даҳ сол пур мешавад. Чунки асоси онҳоро маҳз Конститутсия ташкил медиҳад ва дар ҳаёт Собитқадамона татбиқ гардидани талабҳои он аҳамияти ҳалкунанда касб мекунад. Хуб медонем, ки асоси ҳуқуқӣ, тамоми низом ва қонунгузори Конститутсия — Қонуни Асосии мамлакат мебошаду тамоми ислоҳоти ҳаёти мамлакатамон баробари такя кардан ба Конститутсия ба рӯи об бароварда мешавад. Бо назардошти Конститутсия ва талаби давру замон ба як қатор қонунҳо ва санадҳои қонунгузорие, ки пештар қабул шуда буданд, тағйироту иловаҳо дохил карда шуданд ва мешаванд.

Акнун саволи ҳаққонӣ бармеояд: оё ҳар кадоми мо ба мазмуну мундариҷа, талабҳои Конститутсия сарфаҳм меравем, оё онҳоро дар ҳаёти рӯзмарраамон татбиқ карда, онро аз дигарон талаб мекунем? Оё медонем, ки Қонуни Асосиамон дар кадом шароит таҳия гардид, дар он кадом талабҳои байналхалқӣ, қоидаҳои байналмилалии эътирофгардида истифода шудаанд?

Ба мақсади рӯшанӣ андохтан ба ин масъалаҳо ва ба хотири даҳсолагии қабул шудани ону дар амал чӣ тавр иҷро гардидани Амри Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов аз 4 январи соли 2001 «Дар бораи ташкили омӯзиши Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» ба ҳукми шумоён, муштариёни азиз силсилаи мақолаҳоеро пешкаш мекунем, ки дар бобати дарк кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳоятон ба шумо кӯмак мерасонанд.

## 1. Аз таърихи таҳияи Қонуни Асосӣ

Ғояи зарурати таҳия намудани Конститутсияи нав бори аввал дар иҷлосияи аввали Шӯрои Олии мамлакат даъвати дувоздаҳум ба миён гузошта шуд, ки 24 марти соли 1990 ба амал омад. Дар он бори аввал дар байни ҷамоҳири собиқ ИҶШС вазифаи Президентӣ дар Ӯзбекистон ҷорӣ гардид. Ва дар он рӯзҳо, вақте ки собиқ Иттиҳод мавқеи худро аз даст надода буду Конститутсияи ИҶШС ваҳдати ягонаи давлати тоталитариро боэътимод ҳифз мекард, иқдоми аввал ба сӯи истиқлолият буд, ки таҳти сарпарастии сарвари давлат пеш гузошта шуд.Таъсис гардидани вазифаи Президентӣ дар Ӯзбекистон мақоми марказиро дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар мамлакат ишғол намуд.

31 августи соли 1991 дар иҷлосияи шашуми Шӯрои Олии ҷумҳурият истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон эълон гардид. Қонун «Дар бораи асосҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» эътибор пайдо намуд. 30 сентябри ҳамон сол дар иҷлосияи ҳафтуми парлумон ба қонуни мазкур мақоми конститутсионӣ дода шуд ва қонун дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни Асосӣ) Ҷумҳурияти Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон қабул гардид. Мувофиқи он дар матни Конститутсияи дар амал буда ва дигар санадҳои қонунгузории ҷорӣ суханони «ҶШС Ӯзбекистон» бо суханони «Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» иваз карда шуданд.

Моҳи июни соли 1990 иҷлосияи дуюми Шӯрои Олӣ ба амал омада, дар он Комиссияи конститутсионӣ таҳти сарпарастии Президенти мамлакат созмон ёфт. 2 июли соли 1992 бо қарори Шӯрои Олӣ ба таркиби Комиссияи конститутсионӣ тағйиротҳои ҷузъӣ дохил гардиданд. Дар назди Комиссияи конститутсионии таркибаш нав вазифаи ба анҷом расондани корҳо оиди таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш кардани он, бо назардошти фикру мулоҳизаҳо ва таклифҳои расида мукаммал гардондани он ва ба муҳокимаи шӯрои Олӣ пешкаш кардани лоиҳаи Қонуни Асосӣ гузошта шуд.

26 сентябри соли 1992 лоиҳаи Конститутсияи нав дар матбуот ба муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш гардид. Дар ҷамоаҳои меҳнатии корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, дар маҳалли истиқомат, тавассути радиову телевизион, матбуот корҳои тавзеҳотиву тарғиботӣ оид ба ин ҳуҷҷати муҳим давом карданд. Дар муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Асосӣ тамоми табақаи аҳолӣ, иштирок намуданд.

Бо назардошти фикру мулоҳизаҳои лоиҳаи Қонуни Асосӣ мукаммал гардид ва 21 ноябри соли 1992 боз он дар саҳифаҳои матбуот дарҷ гардид, ки бори дуюм буд. Ва он аз муносибати ҷиддӣ нисбати кор дар бобати таҳияи лоиҳаи Қонуни Асосӣ гувоҳӣ медоду дар бобати мукаммал гардидани Қонуни Асосӣ таккони нав бахшид.

8 декабри соли 1992 лоиҳаи Қонуни Асосӣ, ки аз дурдонаҳои халқӣ ғанӣ гардида буд, ба муҳокимаи вакилони халқи Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон пешкаш гардид.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, раиси Комиссияи конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.А.Каримов дар назди аъзоёни парлумон дар хусуси роҳи пешгирифтаи иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсати Ӯзбекистон, лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон маърӯза намуд. Баъди модда ба модда муҳокима шудани Конститутсияи Ҷумҳурияти мустақили Ӯзбекистон таҳти чапакзании бардавоми ҳозирин вай қабул карда шуд.

Қонуни Шӯрои Олӣ дар хусуси дар амал татбиқ кардани он қабул гардид.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Каримов намояндагони халқ, тамоми шаҳрвандони ҷумҳуриятро бо воқеаи калони таърихӣ— қабул гардидани Конститутсияи Ӯзбекистони мустақил муборакбод намуд.

8 декабр—иди умумихалқии қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон эълон гардид ва вай аввалин Конститутсияи давлати мустақил дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракманофеъ буд.

Бояд тазаккур дод, ки дар рафти таҳияи он дар ҷумҳурият бисёр воқеаҳои нохуш рух доданд. Дар ин бора Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм низ ҳарф зада, чунин гуфтанд:

«Хулоса, мо набояд кӯшиш ва ҳаракатҳоеро, ки барои эҳёи низоми кӯҳна карда шудаанд, ки ҳаёти худро гузаронда шудааст, фаромӯш намекунем. Маҳз аз ин боис, бамаврид аст, ки дар хотираи худ он озмоишҳои сангинро, ки мо дар роҳи барқарор намудани истиқлолияти Ӯзбекистон аз сар гузаронидаем, зинда гардонем.

Сухан дар ин бобат аз хусуси ҳодисаҳои фоиҷаноке меравад, ки барои мардуми мо андӯҳ ва талафот оварда, инчунин нақшаҳои фавқулодда хатарноке, баъзе аз ашхос давраи мушкили пароканда-шавии собиқ Иттиҳод ва солҳои аввали ба пой истондани Ӯзбекистони навро истифода бурда, омода буд, ки ҷараёни ҳодисаҳоро дар ҷумҳурият ба маҷрои манфиатҳои шахсии худ баргардонанд.

Ҳамаи инро бисёре аз ҳозирин ёд доранд. Ва инро муосирони мо хуб донанд, инро таърихи мо ҳифз намояд ва қадр кунад.

Воқеаҳои хунини фоҷиабори моҳҳои май-июни соли 1989 дар Фарғона, феврал-марти соли 1990 дар Бӯка ва Паркентро кӣ дар хотир надорад, он воқеаҳои даҳшатнок аз лавҳи хотири мо ва шумо сутурда намешавад. Ё воқеаҳои хунини моҳи июни соли 1990 дар Ӯш ва Ӯзган, воқеаҳои 8 декабри соли 1991 дар Намангонро бигирем, он ифроткорони мазҳабии нашъаманд бинои комиҷроияи собиқи вилоятро муҳосира карда, хитобан талаб намуданд, ки сохти конститутсионии мамлакат тағйир дода шавад. Ё худ забон як кардани тоифаи собиқи ҳизбиву шӯравӣ, ки дар Марказ идора мегардид, моҳи октябри соли 1991 ба мақсади сарнагун кардани Президенти ҷумҳурӣ ва бесарусомониҳои 16 январи соли 1992 дар шаҳраки донишҷӯёни Тошканд, ки дар он бо фиребу найранг, «доҳиёни» ифроткор тоифаи ҷавонон, фарзандони мо иштирок карданд.

Хуллас, ин ва дигар кӯшишҳо пеш аз ҳама барои тахрибi вазъият дар Ӯзбекистон, рахна андохтан ба ваҳдат ва мусолиҳаи байни одамон нигаронда шуда буд. Бо мурури солҳо чунин кӯшишҳо, ки мақсади асосии ин баромадҳоро ташкил менамуданд, боз ҳам равшантар мегарданд».

Ва воситаи ягонаю муҳим, ки барои решакан кардани ин қабил ҳодисаҳо, нигоҳ доштану таҳким бахшидани давлатдории мустақил мусоидат мекард, қабули Конститутсияи аввалин ҷумҳурияти мустақили Ӯзбекистон гардид.

Алқисса, Конститутсияи Ӯзбекистон 8 декабри соли 1992 баъди аз муҳокимаи умумихалқӣ гузаштан ва дида баромадани беш аз 6 ҳазор таклифу мулоҳиза, ки ба Комиссияи конститутсионӣ расида буду онҳоро истифода бурда, оқибат ба зиёда аз 60 моддаи он саҳеҳиву иловаҳо дохил карда шуда, чор модда соқит гардида, баробари ин ба матни лоиҳа чандин моддаҳои нав дохил шуданд, қабул гардид, ки инак даҳ сол боз ба мардуми мо дар бобати сохтани ҷамъияти нави демократӣ нақши қутбнаморо мебозад.

**Т.ЭҲСОН.**

Дар намоишгоҳ

# «ФуудЭкспо» бори ҳафтум омад

**Ширкати омодасозандаи намоишгоҳҳо ТНТ Продакшин Инк. дар 15 соли мавҷудияти худ беш аз 200 намоишгоҳ таҳия намудааст. Танҳо дар кишварҳои ИДМ панҷоҳ чунин намоишро ташкил кардааст.**

«ФуудЭкспо Ӯзбекистон — 2002» аз намоишҳои солонаи ин ширкат мебошад, ки дафъаи ҳафтум дар пойтахти Ӯзбекистон созмон дода мешавад. Ин намоиш маъмулан намунаҳо ва аксҳову феҳрастҳои маҳсулоти хӯрокворириро фаро мегирад.



**Малика Шомухсимова** ва **Саодат Раззоқова** чойҳои Шри-Ланкаро намоиш медиҳанд.



Мутахассиси соҳибтаҷриба **Рустам Мамараҳимов** ва мутахассиси раёсати равобити хориҷии иқтисодӣ ва сармояҳо маҳсулоти дар Ӯзбекистон истеҳсолшударо ба намоиш гузоштаанд.

Дар намоишгоҳ маҳсулоти корхонаҳои хӯроквории Олмон, Ҳиндустон, Қазоқистон, Русия, Туркия, Швейтсария, Шри-Ланка ва Ӯзбекистон гузошта шудааст. Аксарияти ин маҳсулот аз лиҳози зарфбандӣ ва технологӣ низ навгониҳоро фаро гирифтааст. Ва ба туфайли ин технология ва шариконии нав маҳсулоти беназири Ӯзбекистон ҷилои нав ва мазаи шаҳдбор гирифта, ба маҳсулоти дигар ширкатҳои хориҷӣ рақобати муносиб нишон дода метавонад.

Дари намоишгоҳ аз 29 октябр то якуми ноябр барои алоқамандон дар меҳмонсарои «Интерконтинентал» боз буд.

**Суратгир В. ПОРТНОВ.**

Ба пешвози 70-солагии Нукус

## Қиёфаи нави аэропорти Нукус

Дар арафаи 70-солагии шаҳри Нукус таъмири бинои аэропорти шаҳрӣ анҷом ёфт. Вай аз ҳисоби маблағи Ширкати миллии авиатсионии «Ӯзбекистон ҳаво йўллари» бо услуби меъмории замонавӣ аз нав сохта шуд.

Бинокорони ҷамъияти саҳҳомии «Қароқалпоқсаноатфуқароқурилиш» дар ин обект 936 миллион сӯмина корҳои сохтмониву васлгариро иҷро карданд. Залҳои интизоршавӣ, биноҳои хидматӣ, терминал ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфтанд ва шинаму зебо шуданд. Имрӯзҳо охирин корҳои пардоздиҳии бинои аэропорт анҷом меёбад.

## Манзил барои роҳиоҳанчиён

Роҳиоҳанчиёни қароқалпоқистонӣ дар арафаи ҷашни 70-солагии шаҳри Нукус тӯҳфаи муносиб мегиранд. Дар айни замон дар бинои истиқоматӣ, ки дар шафати стансияи роҳи оҳан сохта шуда, барои 32 оила пешбинӣ шудааст, корҳои пардозӣ анҷом меёбад.

Дар ин ҷо 350 милион сӯмина корҳои сохтмониву васлгарӣ гузаронда шуданд. Калиди ханаҳое, ки шароити зист вуҷуд дорад, ба соҳибонашон дар арафаи ҷашни шаҳр супурда мешавад.

## Бинои нави музей

Сохтмони бинои нави музеи санъат дар Нукус ба анҷом расонда шуд. Вайро бинокорони раёсати бинокории рақами 3-и ҷамъияти саҳҳомии «Қароқалпоқсаноатфуқароқурилиш» ба истифода супурданд.

— Ошёнаҳои дуввуму сеюми музеямонро залҳои намоишгоҳӣ ишғол мекунад, ки дар он ҷо зиёда аз се ҳазор нигораҳо намоиш дода мешавад,—гуфт ҷонишини директори музей Гулойим Соипова.—Ба ғайр аз ин ба бинои нав китобчаҳое гузошта мешаванд, ки дар онҳо барои ҳифзи зиёда аз 90 ҳазор нигораҳои беназир имкониятҳои техникӣ фароҳам оварда шудааст.

Кушоиши бинои нави музей дар арафаи ҷашни шаҳр ба амал меояд.

**(ӮзА).**

# Вохӯриҳои дӯстона дар соҳили Дунай

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Боз кадом омилҳо ба пурзӯр гардондани манфиатдории венгерӣ ба ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон хизмат карда метавонад? Ӯзбекистон аз захираҳои табиӣ, ашёи хоми маъданӣ бой аст. Хусусан, мамлакатмон аз рӯи захираи газ, тилло, волфрам, фосфорит, каолин яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Танҳо захираҳои газ 2,5 триллион метри мукаабро ташкил медиҳад. Умуман дар мамлакатамон қариб, ки ҳамаи элементҳои ҷадвали даврии Менделеевро ёфтан мумкин.

Инчунин нишондиҳандаҳоямон дар соҳаи кирмакпарварӣ баланд аст. Дар қатори инҳо фаровонии меваву сабзавотро ҳам қайд кардан ҷоиз аст. Мутаассифона, чи хеле ки Президент қайд намуд, қисми зиёди меваву сабзавоти дар мамлакатамон рӯёндамешуда аз нав кор карда намешаванд. Сабаби ин ба таври бояду шояд тараққӣ накардани техникаву технология, ки дар ҷараёни консервкунӣ, сублиматсия, инчунин то маҳсулоти азнав коркардашудаи тайёр овардани ҳосили рӯёндашуда зарур мешаванд, мебошад. Агар Венгрия, ки дар ислоҳсозии кишоварзӣ соҳаи азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба комёбиҳои калон ноил шудааст, эътиборашро бо ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон пурзӯр гардонад, аз ин на танҳо мо, балки худаш ҳам нафъи калон мебинад.

Ислом Каримов ин манфиати тарафайнро дар мисоли оддӣ исбот кард. Дар соли 2004 Венгрия ба Иттиҳоди Аврупо дохил мешавад. Аврупои ғарбӣ бошад, дар минтақа дар соҳаи азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ пешсаф маҳсуб мебошад. Хуллас, Венгрияро рақобати сахт дар пеш аст. Дар ин ҳолат Венгрия агар бо Ӯзбекистон ҳамкорӣ намояд, бурд мекунад.

Як қатор омилҳои обективии самарабахшии ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, дар мамлакатамон сулҳу устуворӣ ҳукмфармост, ки ин барои озоду бехатар ворид шудани сармояҳо зарур аст, барои сармоягузорони хориҷӣ як қатор қулаиҳову шартҳои муфид фароҳам оварда шудааст. Ӯзбекистон барои худ соҳаи тамоман нави саноатро (автомобилсозӣ, телекоммуникатсия ва ғайраҳо) азхуд кард, дар иқтисодиёт дигаргунсозиҳои сохториро ба амал баровард (мустақилияти нафт ва ғалла), инфрасохтори бозоргониро ташаккул дод. Дар мамлакатамон инчунин ба ҷонибдории васеи рушди тадбиргарии хурду миёна, ки такягоҳи иқтисодиёти ҳар як мамлакат мебошад, эътибори калон дода мешавад. Дар ҷараёни хусусигардонӣ, ки васеъ авҷ гирифтааст, ҳама, аз он ҷумла, тадбиргарони венгерӣ ҳам иштирок карда метавонанд.

Дар кори кӯмак расондан дар корҳои барқарорсозии Афғонистон ривоҷ додани ҳамкории иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ мебуд. Ба ин мамлакат, ки ҷанги дуру дарозро аз сар гузарондааст, роҳи оҳан танҳо дар Тирмиз вуҷуд дорад. Хуллас, хоҳишмандоне, ки дар корҳои барқарорсозӣ иштирок карданианд, Ӯзбекистонро дар канор гузошта наметавонанд.

Дигар соҳаҳоро гирем, гуфтан мумкин аст, ки барои Ӯзбекистону Венгрия ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи табиат, илм, фарҳанг, соҳаи ҳарбию техникӣ манфиатнок хоҳад буд.

Аз рӯи масъалаҳои баррасишуда ҷонибҳо ҳамфикрӣ изҳор намуданд. Президентҳо аз рӯи натиҷаҳои ташрифи расмии Ислом Каримов ба Венгрия Изҳороти муштарак қабул карданд. Пойгоҳи ҳуқуқии муносибатҳои Ӯзбекистону Венгрия бо якчанд ҳуҷҷати муҳим пур шуд: ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳифзу рағбатноксозии тарафайни сармояҳо, боркашониву мусофиркашонии байналхалқии нақлиёти автомобилӣ, кишоварзӣ, дар кори мубориза бар зидди ҷиноятӣ байналхалқӣ расмӣ гардонда шуд.

Дар хотимаи мулоҳизаҳо аз рӯи натиҷаҳои ташриф таъкид карданием, ки алоқаҳои сиёсати берунии Ӯзбекистон дар тирамоҳ хеле фаъол шуд. Аз ҷумла, Ислом Каримов бо роҳбарони се давлат — Литва, Лаҳистон ва Венгрия, ки дар остонаи дохил шудан ба Иттиҳоди Аврупо қарор доранд, вохӯрд. Агар аз аввали соли 2002 бигирем, гуфтан мумкин аст, ки Ӯзбекистон тамоми ҷаҳонро «фаро» гирифт. Президент Ислом Каримов ба мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон, гӯшаи дурдасти Ғарб — ИМА ва аввали Шарқ — Ҷопон ташрифи расмӣ дошт. Сиёсати мустақил ва адолатноки Ӯзбекистон дар тамоми ҷаҳон на танҳо эътироф шуд, балки баҳои баланд гирифт. Вохӯрии дӯстона дар соҳили Дунаи сабз, Будапешти қадима боз як далели равшани ин эътироф ва баҳои баланд гардид.

**Анвар БОБОЕВ,**
**мухбири махсуси ӮзА.**
**Тошканд—Будапешт—Тошканд.**

## Тахти тамғаи «Марбело»

Дар Марғилон оид ба истеҳсоли велосипедҳои замонавӣ корхонаи муштараки Ӯзбекистону Белорус созмон дода шуд.

Дар корхонае, ки ба тӯфайли ҷонибдории ҳомигии ҷамъияти саҳҳомии «Мотовело»-и дар Аврупо бузургтарин, ки велосипед мебарорад, заводи азнавкоркарди нафти Фарғона, корхонаи истеҳсоли нахи сунъӣ, ҷамъияти саҳҳомии «Фарғонаавтойӯл» сохта шудааст, моҳе то 1 ҳазору 600 велосипед истеҳсол мекунанд.

**(ӮзА).**

## Омодагии мактабҳо ба зимистон

Зимистон дар мекӯбад.Рафти тайёрӣ ба давраи тирамоҳию зимистонӣ дар муассисаҳои таълимӣ чӣ гуна аст?

Чи хеле ки дар Вазорати маорифи халқ ба хабарнигори ӮзА хабар доданд, дар маҳалҳо бо ёрии ҳокимиятҳо оид ба мавсими тирамоҳию зимистонӣ тайёр кардани муассисаҳои таълим корҳои зиёд ба амал бароварда шудааст.

Аз ҷумла, то 25 октябр дар ҳамаи мактабҳо дегхонаҳо ва печкаҳо таъмир карда шуданд. Шабакаҳои гармидиҳиро ба кор омода намуданд. Барои кори самарабахши шабакаҳои гармидиҳӣ иттиҳодияи саҳҳомии «Ангишт» зиёда аз 179 ҳазор тонна ангишт ирсол намудааст, ки 83 фоизи миқдори умумиро ташкил медиҳад ва 56 фоиз сӯзишвории моеъ захира карда шудааст.

Он чиз муҳим аст, ки дар кори ба мавсими тирамоҳию зимистона тайёр кардани муассисаҳои таълим корхонаҳои сарпараст, тадбиргарон, падару модарон ёрӣ мерасонанд. Дар маҳалҳо аллакай ба 1,5 миллиард сӯм ин зумра ёрӣ расонда шуд.

# Самараи меҳнат

Ба қишлоқи Навободи ноҳияи Бӯка расо 30 сол қабл аз ин аз кӯҳпораҳо беш аз 400 хонадон бо мақсади ободу зебо намудани манзили номбурда, барпо намудани боғу гулгаштҳо кӯч баста буданд. Дар натиҷаи меҳнати ҳалолу сидқидилона, талошу кӯшиши ба худ хоси мардуми кӯчбаста дар замине ки як вақтҳо хушку холӣ буд, киштзорҳо аз худ карда, биноҳои зебои замонавӣ қад бардоштанд. Алҳол хиёбону кӯчаҳои қишлоқ ба бинанда завқу шавқ мебахшад. Роҳҳои асфалтпӯш, биноҳои замонавии маишию маданӣ, истиқоматӣ, гулгаштҳо, боғу роғҳо гувоҳи меҳнаткаринии сокинони ин ҷо мебошанд...

Шароити хуби зиндагӣ, ҳаёти фаровон имконият медиҳад, ки дар деҳот барои оянда бахусус фарзандон тамоми шароити хуби ба камол расидан фароҳам оварда шавад. Мо инро дар мисоли чи тавр ба роҳ монда шудани таълиму тарбияи ҷавонони деҳот мушоҳида кардем. Мактабе ки дар ин ҷо қад рост кардааст дар ҳақиқат маскани тарбияи насли наврас мебошад. Мактаб бо боғу гулгаштҳо боз ҳам назаррабо гаштааст.

Ҳангоми шиносоӣ бо кору бори муаллимон, тарзи дарсдиҳӣ, гузарондани тадбирҳои гуногуни азхуд намудани сирру асрори илм боварӣ ҳосил кардем, ки дар ин ҷо ислоҳоти таълими умумӣ бо муваффақият ба амал бароварда мешавад. Аз хусуси бурдбориҳои шогирдон, чашмикордонии муаллимон директори мактаб—инсони камтарин ҷӯяндаи навигариҳо Муллоғайбулло Бобоев чунин иброз дошт:

— Аҳолии аз дуру наздик ба ин ҷо кӯч баста дар натиҷаи меҳнати ҳалол, ташаббускорӣ соҳиби зиндагии хуб гашт. — Ҳар як оила соҳиби манзил, замин, чорво мебошад. Мардум ба ширкати навташкили хоҷагӣ номи «Ӯзбекистон мустақиллиги» дод. Хоҷагӣ серсоҳаю сердаромад аст. Даромад имконият медиҳад, ки баробари биноҳои истиқоматӣ, боғчаю яслӣ, маданию маишӣ мактабҳои замонавии дорои тамоми воситаҳои таълимӣ низ барпо карда шавад. Дар мактаби замонавии рақами 9-и ба номи Фирдавсӣ алҳол 733 нафар фарзандони аҳли меҳнат таҳсил меёбанд. Ба онҳо 48 нафар муаллимони моҳири касби худ, сабақ меомӯзанд. Ҳар як муаллим барои ба шогирдон ҳаматарафа сабақ омӯзондан талош мекунад. Барои гузарондани машғулиятҳо пешакӣ тайёрӣ дида онро бо ёрии асбобҳои аёнӣ мегузаронад. Дар ҳар як машғулият, соати сабақ оиди самараи истиқлол, масъулияти ҷавонон, инсони комил шуда ба воя расидани мактабиён сӯҳбат гузаронда мешавад. Оиди қомуси асосӣ—Конститутсия, сохтмони давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҷамъомадҳо гузаронда мешавад, ки ин дар тарбияи насли наврас роли муҳим мебозад. Алоқаи мустаҳками мактаб—оила—ҷамоатчигӣ самараи хуб мебахшад. Ин тавр корбарӣ ба сифати таълиму тарбия, муносибати байни омӯзгорону падару модарон хуб мусоидат мекунад. Бо ёрии падару модарон ва ҷамоатчигӣ маҳфилҳои гуногун мегузаронанд. Шабҳои саволу ҷавоб, озмуназназаргузарониҳо ташкил карда мешаванд, ки дар онҳо талабагони ҳамаи синфҳо фаъолона иштирок доранд. Дар мактаб забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ, фаронсавӣ бо шавқу завқи зӯр азбар карда мешавад. Ба муҳасиллин мукотаба бо мактаббачагони хориҷа аз рӯи азбар намудани забонҳои хориҷӣ кӯмаки калон мерасонад.

Омӯзгорон баробари пухта азбар намудани фанҳо дар мактабиён ба меҳнат, бунёдкорӣ низ рағбат пайдо мекунанд. Азбаски толибон фарзандони деҳқону боғбон ва чорвопарваронанд, бештар ба замин, киштукор майл доранд. Ин майлу марокро муаллимон сайқал медиҳанд, барои обу тоб ёфтани ҷавонон, ба меҳнат дил бастани онҳо аз тамоми воситаю имконият истифода мебаранд...

Дар мактаб муаллимҳои ташаббускори навовар бисёранд. Якеи онҳо омӯзгори фанни таърих Ҳафизов мебошад, ки ӯ дар айни вақт ҳамчун боғбон низ шӯҳрат дорад. Муаллим дар 2 гектар боғ бунёд кардааст, ки ҳаваси кас меояд. Ӯро дар боғ ҳангоми нигоҳубини дарахтҳо, вохӯрдем:

—Солиёни дароз ба шогирдон аз фанни таърих сабақ меомӯзам. Дарсҳоро тавре ташкил медиҳам, ки шогирдон аз гузаштаи Ватан, зиндагии аҷдодонро пурра пеши назар оранд. Ҳаракат мекунам, ки бачаҳо баробари омӯхтани таърих, инчунин ба қадри меҳнат, ки инсонро ба фатҳи қуллаҳои баланд роҳнамун месозад,расанд. Баъзан аз рӯзгори хуб ба туфайли меҳнат ҳаёти осудаҳолона гузарондани умр ва ниҳоят самараи боғро, ки маҳз ба туфайли меҳнат бунёд гаштааст, нақл ҳам мекунам.

Омӯзгороне ки бо рафтор ва кирду кори намунавӣ ибрат шуда метавонанд дар ин даргоҳи илм бисёранд. Тарзи хуби дарсгӯӣ ва дарсҳазмкунии шогирдон мебошад, ки аксарияти дастпарварони мактаб баробари дохил гаштан ба донишкадаҳои олӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ меҳнат карда таҷриба меомӯзанд, бо орзуи фардои дурахшон умр ба сар мебаранд.

Барои пойдору мустаҳкам намудани мафкураи истиқлол дар мактаб аз ҳамаи воситаҳо истифода мебаранд. Синфхонаҳо, толори калон, клуб бо асбобҳои аёнии ифодакунандаи тарихи Ӯзбекистон, шарофати истиқлол, роҳи тайнамудаи халқи заҳматкаш оро дода шудааст. Таълими ибтидоӣ сарчашмаи тамоми фанҳост. Бинобар ин аз синфи I бо баҳои хуб хонда аз ҳар хусус намунаи ибрат шудани бачаҳоро мустаҳкам намудан аҳамияти хосса дорад. Ва хурсандиовар аст, ки ҷамоаи даргоҳи илми номбурда ба ин муяссар мегардад. Ин самараи чашмикордонии омӯзгорон, аҳлии ҳамдеҳагон, якдигарро дастгирӣ намудани ҷамоаи мактабу падару модарон ва ба илм ташна будани дастпарварони ин даргоҳи илм мебошад.

**Рӯзимат ДАМИНОВ,**
**муаллими шоистаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

